**«Тасдиқ мекунам»**
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ,
академик Носирҷон Салимӣ
«27» 06 2019

НУСХАИ

қарори № 6 маҷлиси умумии шуъбаҳои таърихи адабиёт, адабиёти муосир ва фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

аз 27.06.2019 ш. Душанбе

**Иштирок карданд:** д.и.ф. академик Н.Салимӣ, д.и.ф. профессор А.Сатторов, д.и.ф. М.Муллоаҳмадов, д.и.ф. Ш.Исрофилниё, д.и.ф. Р.Раҳмонӣ, д.и.ф. О.Хоҷамуродов, д.и.ф. Ш.Раҳмонов, н.и.ф. Ш.Муҳаммадиев, н.и.ф. А.Маликова, н.и.п. Ҷ.Саидов, , н.и.ф. Р.Аҳмадов, н.и.ф. С.Фатҳуллоев, н.и.ф. А.Маҷнунов, н.и.ф. Н. Одинаев, н.и.ф. Х.Ҳошимова, ходими калони илмӣ М. Акбаров, унвонҷӯ О.Бухориев.

## Рӯзномаи маҷлис:

1. Баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ О.Бухориев, дар мавзӯи «Вижагиҳои жарни дубайтӣ дар адабиёти навиштории ва гуфторӣ».

Унвонҷӯ **О.Бухориев** дар бораи ҳадаф ва мақсади тадқиқоти хеш чунин иброз намуд:

Агарчи доир ба ин мавзӯъ дар рисола ва мақолаҳои ҷудогонаи муҳаққиқон ишоратҳо шудааст, то ба ҳол як кори ҷамъбастии махсусе ҷудогона оид ба ташаккул ва таҳввули дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфтории гузашта ва муосири тоҷик анҷом нашудааст. Бинобар ин, мо лозим донистем, ки ин вижагиҳои дубайтиро аз замони бостон то имрӯз мавриди таҳқиқи муфассал қарор диҳем.

Рисола аз муқаддима, чор боб, хулоса ва китобнома иборат аст.

Натиҷаи мухтасари корҳои муҳимми дар рисола анҷомшударо метавон ба шакли зер баён кард:

Дар рисола тибқи нишондоди баррасиҳои анҷомшуда, ки дар заминаи омӯзиши адабиёти илмиву адабӣ, фикру ақидаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва таҳлилу таҳқиқи дубайтиҳои адабиёти навишторӣ ва гуфтории классикӣ ва муосири тоҷик ба даст омадаанд, ба чунин натиҷа расидем, ки навъи дубайтӣ маҳсули зеҳни мардуми ориёии эронитабор буда, реша дар адабиёти бостон (авестоӣ, сосонӣ) ва фаҳлавиёти мардуми ин сарзамин дорад. Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки нисбат ба масъалаи пайдоиши дубайтӣ ва рубоӣ дар байни пажӯҳишгарони ин ришта ақидаҳои дигаре, аз қабили маншаи арабӣ, туркӣ ва чинӣ доштани ин навъи ашъор, вуҷуд дорад. Сари масъалаи рад ё тасдиқи ин ақида дар рисола баҳсу баррасии муфассале сурат гирифта, баъди таҳлилу таҳқиқ ва муҳокимаи орову афкори муҳаққиқоне, ки роҷеъ ба ин мавзӯъ изҳори назар кардаанд, хулосаи мантиқии худро бо ироаи далелу бурҳонҳои илмӣ баён намудем ва ақидаҳои мазкурро ҳамчун як назарияи эҳтимолии ғайриилмӣ ботил донистем.

Ҳангоми баррасии марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули навъи дубайтӣ дар заминаи таснифи осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикӣ муайян гардид, ки ин навъи адабӣ дар муқоиса бо рубоӣ дар адабиёти навиштории форсии тоҷикӣ таҳаввули назаррасе надоштааст. Аммо дар адабиёти навиштории муосири тоҷик акси ин ҳолат мушоҳида мешавад, зеро ин навъи адабӣ дар эҷодиёти намояндагони шинохтаи ин давр: Лоиқ Шералӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Гулназар Келдӣ, Аскар Ҳаким, Фарзона ва дигарон ҷойгоҳи шоистае дошта, ривоҷу равнақи қобили таваҷҷуҳе пайдо кардааст. Хулосаи нишондоди баррасиҳои анҷомшударо тавассути ҷадвали 1 дар зербоби сеюми "Боби I" нишон додаем. Қобили зикр аст, ки ин мавзӯъ

Зимни таҳлилу баррасии дубайтиҳои мардумӣ мушоҳида кардем, ки дар фолклори даризабонони Афғонистон ва мардуми Эрон корбурди навъи дубайтӣ нисбат ба рубоӣ ба маротиб бештар аст. Аммо дар фолклори мардуми тоҷикзабони Мовароуннаҳр (Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) афзалияти навъи рубоӣ бештар ба назар мерасад. Зуҳури ин падидаи адабӣ дар рисола мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Соҳибназарони риштаи адабиёт таҳти таъсири адабиёти китобӣ қарор доштани зеҳният (дидгоҳ)-и мардуми Бухоро (тамоми қаламрави Аморати Бухоро)-ро яке аз омилҳои зуҳури он медонанд. Омори муқоисавии дубайтиҳои фолклории мардуми Тоҷикистон, даризабонони Афғонистон ва Эронро тавассути ҷадвали 2-3 дар зербоби сеюми "Боби I" нишон додаем.

Масъалаи вижагиҳои муштарак ва фарққунандаи навъҳои дубайтӣ ва рубоӣ дар адабиёти муосир яке аз масъалаҳои баҳсноки адабӣ ба

шумор меравад. Ин масъала низ дар рисола баҳсу баррасӣ гардидааст. Баъд аз таҳлилу муҳокимаи фикру ақидаҳои муҳаққиқони риштаи адабиёт роҷеъ ба ин масъала чунин натиҷа гирифтем, ки агарчи ин ду жанр хусусиятҳои муштараки зиёде доранд, тафовуте дар сохтор (бахусус дар қолаби вазн) ва вижагиҳое дар мухтавою услуби баёни онҳо дида мешавад. Бинобар ин, ҳамчун навъҳои мустақил арзёбӣ кардани дубайтӣ ва рубоӣ муносибтар ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, дар рисола нишон додем, ки мавзӯи ишқ меҳвари мавзӯъҳои навъи дубайтиро ташкил медиҳад ва яке аз вижагиҳои муҳимми он ба шумор меравад. Бинобар ин, роҷеъ ба мафҳум ва моҳияти падидаи ишқ ва ҷойгоҳи он дар матни дубайтиҳои навиштори ва гуфтори баҳсу баррасии муфассал анҷом додем. Тавассути шарҳу таҳлили дубайтиҳои адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ нишон додаем, ки дар матни ин навъи ашъор мавзӯи ишқ дорои нақши калидӣ буда, мавзӯъҳои дигари ҳаёти иҷтимӣ ба ҳар шакле ба он пайвастагӣ ё вобастагӣ доранд.

Роҷеъ ба вижагии сохтор (вазн, қофия ва радиф)-и навъи дубайтӣ дар рисола таҳлилу таҳқиқи густурдае сурат гирифтаст. Аҳли балоғат тибқи меъёрҳои арӯзи расмӣ бахри ҳазаҷи мусаддаси маҳфуз ё мақсур – мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун (V– – – / V– – – / V– –)-ро вазни навъи дубайтӣ муқаррар кардаанд ва тамоми дубайтиҳои навишторӣ ва гуфторӣ бар мабнои ҳамин вазн эҷод шудаанд. Бояд гуфт, ки дар доманаи баҳси ин мавзӯъ ба масъалаи таърихи вазни фаҳлавиёт ва дубайтиҳои мардумӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар асоси таҳлили баррасиҳои дар ин замина анҷомшуда, ба таҳқиқи он пардохтаем.

Адабпажӯҳон дар навъи дубайтӣ чор шакли қофиябандӣ – АА-АА, АА-БА, АБ-АБ, АБ-БА-ро шинохтаанд. Ҳангоми таҳлилу таҳқиқи қофиябандии навъи дубайтӣ ошкор гардид, ки дар сохтмони навъи дубайтӣ шакли дигари қофиябандӣ –БА-ВА низ вуҷуд дорад, ки роҷеъ ба он дар зербоби “Қофия” сухан гуфтаем.

Радиф унсури дигари сохтори шеър дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад ва аз лиҳози баромад ба ин адабиёт мансуб буда, дар сохтори шеър барои тақвияти қофия мусоидат мекунад.

Вижагии забон ва воситаҳои тасвири бадеӣ муҳимтарин хусусияти навъи дубайтӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар асоси таҳлилу таҳқиқи матни дубайтиҳои адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ дар рисола роҷеъ ба мавқеи корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ: маҷоз, истиора, ташбеҳ, киноя, талмеҳ, тавсиф ва ғайра, баҳсу баррасии муфасал анҷом додем. дубайтиҳои мардумӣ аз лиҳози забон ва корбурди воситаҳои тасвир (сувари хаёл) аз дубайтиҳои шоирони касбӣ фарқи зиёде

надоранд ва метавон гуфт, ки дар баъзе мавридҳо истифодаи забон дар дубайтиҳои мардумӣ содаю самимӣ ва корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ муҷаллотар ба назар мерасад. Аммо аз лиҳози бурузи маҳорату малакаи эҷодӣ ва шинохту бакоргирии қоидаҳои арӯз дар дубайтиҳои китобӣ бартарӣ дида мешавад

Қобили зикр аст, ки навъи дубайтӣ дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи шоистае пайдо намудааст ва ин раванди адабӣ барои ривоҷу равнақи ин навъи шеърӣ дар адабиёти гуфтории тоҷикони Осиёи Миёна метавонад заминаи мусоиде фароҳам орад.

Пас аз суханронии унвонҷӯ О.Бухориев дар робита ба мавзӯи диссертатсия саволу ҷавоби мухтасаре сурат гирифт.

**А.Маҷнунов** – н.и.ф., мудири шуъбаи форклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ ба унвонҷӯ бо чунин савол муроҷиат кард:

- Фарқи навъи дубайтӣ аз навъи рубоӣ дар чист?

Ҷавоби унвонҷӯ:

- Байни навъҳои дубайтӣ ва рубоӣ хусусиятҳои муштараки зиёде дида мешавад. Аммо, ба ақидаи адабиётшиносон, байни ин ду жанр тафовуте дар сохтор (бахусус дар қолаби вазн), вижагиҳое дар муҳтаво ва услуби баён вуҷуд доранд, ки ин ду жанрро тамоиз медиҳанд.

**А.Сатторов** – д.и.ф., профессор, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ ба унвонҷӯ ду савол: “Оё аз нигоҳи шумо мавзӯи рисола актуалист ва зарурати омӯзиши он дар шароити кунунӣ муҳим ба назар мерасад?” ва “Дубайтии мардумӣ аз дубайтии шоирони касбӣ бо кадом хусусиятҳо фарқ мекунад?” пешниҳод намуданд:

Ҷавоби унвонҷӯ:

- Дар робита бо саволи аввал метавон гуфт, ки бо дар назардошти чанд хусусият: ҷанбаи таърихӣ ва бунёди миллӣ доштан, дар муқоиса бо дигар навъҳои адабӣ, чи дар адабиёти навишторӣ, чи дар адабиёти гуфторӣ нисбатан камтар таҳқиқу баррасӣ шудан ва дар адабиёти муосири тоҷик мавриди истиқболи гарми шоирон қарор гирифтани дубайтӣ ин навъи адабӣ шоистагии таҳқиқу омӯзиши бештару густардатарро дорад.

- Назари мо роҷеъ ба саволи дуюм ин аст, ки дубайтиҳои мардумӣ аз лиҳози забон ва корбурди воситаҳои тасвир (сувари хаёл) аз дубайтиҳои шоирони касбӣ фарқи зиёде надоранд ва метавон гуфт, ки дар баъзе мавридҳо истифодаи забон дар дубайтиҳои мардумӣ содаю самимӣ ва корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ муҷаллотар ба назар мерасад. Аммо

аз лиҳози бурузи маҳорату малакаи эҷодӣ ва шинохту бакоргирии қоидаҳои арӯз дар дубайтиҳои китобӣ бартарӣ дида мешавад.

Сипас, рисолаи О.Бухориев мавриди баррасӣ қарор гирифт..

**А.Маликова** – н.и.ф., ходими калони илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ дар бораи рисола ба таври мухтасар изҳори назар намуд:

1. Баъзе қисматҳои муқаддимаи рисола таҷдиди назар мехоҳад;
2. Забони хуб аст, вале дар матни рисола хатои имлоии зиёд дида мешавад. Баъзан ҷумлаҳо такрор шудаанд;
3. Иқтибосҳо ба ду забон (тоҷикӣ ва русӣ) оварда шудаанд. Салоҳи кор он аст, ки ба як забон навишта шаванд;
4. Боби “Хулоса” беш аз ҳадд тафсил ёфтааст. Агар каме мухтасар мешуд, беҳтар мебуд;
5. Дар маҷмӯъ, кори рисола анҷом шудааст ва баъди ислоҳи хатоҳои ҷойдошта ва такмили бахшҳои боби муқаддима барои дифоъ пешниҳод шавад.

**Ҷ.Саидов** – н.и.п., ходими калони илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ роҷеъ ба сатҳу савияи илмии рисола суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки диссертатсияро пурра хондааст. Ба ақидаи ӯ, рисола кори ба анҷомрасидааст. Аммо эродҳо дар матни рисола вуҷуд доранд, ки ислоҳу такмили онҳо бар салоҳи кор мебошад:

1. Муаллифро лозим аст, ки ба дуруст навиштани истилоҳоти адабӣ таваҷҷуҳ намояд. Масалан, истифодаи истилоҳи “шабака” ба мафҳуми “бисёрмаъноӣ” чандон муносиб нест;
2. Дар зербоби сеюми боби I – “Таҳаввул”-и дубайтӣ (ҷадвали шумораи 3) раддабандии номи шоирони рубоисаро тибқи тартиби хронологӣ сурат нагирифтааст;
3. Ҳамчунин, дар зербоби мазкур масъалаи тафовути навъҳои дубайтӣ ва рубоӣ возеҳу равшан сурат нагирифтааст;
4. Муаллиф дар баъзе маврид ҳангоми навиштани ному насаби муҳаққиқон ба саҳлангорӣ роҳ додааст;
5. Дар зербоби дуюми боби I – “Ташаккул”-и дубайтӣ мисоле аз Шаҳиди Балхӣ ҳамчун намунаи дубайтӣ оварда шудааст, ки дар асл қитъа аст;
6. Инчунин, мисраи аввали рубоии устод Рӯдакӣ – “Рӯят – дарёи ҳусну лаълат – марҷон” ба шакли “Рӯят – дарёи ҳусну лабат – марҷон” омадааст, ки ғалат аст.

Хулоса, рисола баъд аз ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта барои дифоъ пешниҳод карда шавад.

**А.Маҷнунов** – н.и.ф., мудири шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ роҷеъ ба сатҳу савияи илмии рисола сухан ронда, онро ҳамчун як кори анҷомшуда эътироф намуд. Номбурда ба баъзе камбудиҳои техникии дар матни рисола ҷойдошта ишора кард:

1. Дар рисола аз андешаҳои ба мавзӯъ рабтдоштаи адабиётшинос Юсуфи Акбарзода истифода намудан ва дар рӯйхати асарҳои "Китобнома" ҷой додани баъзе китобҳои ӯ лозим аст;

2. Китоби "Гулдони ҳафтранг"-и Муҳаммадалии Аҷамиро низ, ки мавзӯи таҳлилу баррасии дубайтиҳои шоири маъруф Лоиқ Шералро фаро мегирад, метавон ҳамчун як маъхази муҳим истифода кард.

Хулоса, баъди такмили баъзе пешниҳоду ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта рисола ба дифоъ пешниҳод карда шавад.

**С.Фатҳуллоев** - н.и.ф., ходими калони шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ, ки як қисми рисоларо хондааст, чунин эроду гирифт:

1. Байни баъзе бахшҳои рисола пайванди мантиқӣ дида намешавад.

Аз нигоҳи ӯ, баъди ислоҳи эродҳо рисоларо метавон ба дифоъ пешниҳод кард.

**А.Сатторов** – д.и.ф., профессор, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ қайд кард, ки гузориши масъала, бандубасти рисола муназзам ва бомантиқ аст. Аммо дар матни рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар баъзе ҷумлаҳои матни рисола усули илмӣ ва истифодаи дурусти истилоҳот бояд риоят шавад;
2. Ному насаби муҳаққиқон тибқи меъёр навишта шавад;
3. Ҳангоми таҳияи китобнома тартиби хронологӣ риоят шавад.

   Дар маҷмӯъ, рисола омода аст, вале каме таҳриру такмил металабад.

**Ҷаласа қарор мекунад:**

1. Рисолаи илмии О.Бухориев «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» кори анҷомшуда ҳисобида шавад.
2. Фишурда ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф муҳтавои рисоларо ифода мекунанд.
3. Барои санҷиши эродҳои зикршуда дар ҳайати зерин комиссия ташкил карда шавад:
   1. А.Маликова – раис.

2. А.Маҷнунов – узв.
3. Ҷ.Саидов – узв.

4. Рисолаи илмии О.Бухориев «Вижагиҳои навъи дубайтӣ дар адабиёти навиштор ва гуфторӣ» баъди ислоҳи камбудиҳо барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Раис А. Сатторов

Котиб А. Маликова